# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ ФОНЕТИКА ВА ЛЕКСИКОЛОГИЯИ ЗАБОНИ АНГЛИСИИ ФАКУЛТЕТИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи унвонҷӯ Воҳидова Нодира Абдусатторовна таҳти унвони «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расидааст.

Н.А. Воҳидова хатмкардаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров аз рӯйи ихтисоси омӯзгори фанни забонҳои англисӣ ва олмонӣ (1999) буда, дар вазифаҳои котиби илмии Комиссияи донишгоҳ оид ба татбиқи Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон (2000-2015), муҳаққиқ-коромӯзи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисӣ (2015-2016), муаллимаи кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ (2017 то ҳол) фаъолият дорад. Ӯ пайваста бо корҳои илмӣ машғул буда, дар таълифи як қатор китобҳои дастҷамъонаи илмию методӣ саҳм дорад, дарсҳояшро дар сатҳи баланд мегузаронад, дар корҳои ҷамъиятӣ низ фаъол аст. Барои фаъолияти пурсамараш бо сипоснома ва туҳфаҳои хотиравии раёсати донишгоҳ қадр карда шудааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедра Н.А. Воҳидова «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» дар кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии факултети забонҳои хориҷии МДТ-и «Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (роҳбарони илмӣ -доктори илмҳои филология, профессор М.Н. Азимова ва профессори кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик, доктори илмҳои филология А.А. Ҳасанзода) таълиф ва ба дифоъ омода гардидааст.

**Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти** мазкур иборат аз нишон додани нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар ташаккули илми фразеология ва дар муқоисаи типологӣ нишон додани умумияту тафовутҳои фарҳангҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мебошад.

Матлаби ниҳоӣ аз таҳқиқ пайдо кардани усули беҳтарини тадвини фарҳанги фразеологии забонҳои муқоисашаванда ва забонҳои дигар аст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Натиҷаҳои аз таҳлили масъалаҳои дар рисола бадастомадаро метавон ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ доир ба фразеология ва фразеографияи умумию хусусӣ, муайян кардани асосҳои методологии фразеографияи таърихӣ ва муосир истифода намуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** вобаста ба татбиқи он муайян мешавад, аз ҷумла:

- дар тадвин ва такмили фарҳангҳои хусусӣ ва муқоисавии фразеологӣ;
- корбурди маводи рисола дар таълими фразеология, курсҳои махсус, семинар ва машғулиятҳои амалӣ ва корҳои мустақилонаи донишҷӯён доир ба фразеология, типологияи забонҳо, назария ва амалияи тарҷума, услубшиносӣ ва таҳлили матни бадеӣ.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар таърихи забоншиносӣ бори аввал роҳу усулҳои тадвини фарҳангҳои фразеологии тоҷикӣ аз нуқтаи назари муқоисаи типологӣ бо ду забони дорои системаҳои сохторию семантикии дигар (дар мисоли забонҳои русӣ ва англисӣ) мавриди таҳқиқи монографӣ қарор ёфт. Кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки андеша ва хулосаҳое, ки аз такя ба муқоисаи маводи фразеографияи забонҳо бармеоянд, дар шакли пешниҳодҳо манзур гардад.

Ҷолиби диққат аст, ки рисолаи мавриди назар бо барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба амалисозии сиёсати забон дар

мамлакат дар марҳалаи ҳозира робитаи мустақим дорад, ки дар асоси «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, № 647) ва «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438) дар амал татбиқ мегардад.

Тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия қонеъкунанда мебошад. Нуктаҳои диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва семинарҳои илмию методии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" гузориш ёфтаанд. Интишороти муаллиф аз рӯйи диссертатсия хеле муфассал дар 13 мақолаи илмӣ ба мутахассисон ва доираи васеи хонандагон манзур карда шудааст.

**Нуктаҳои асосии ҳимояшавандаи рисола аз инҳо иборатанд:**

- Нишон додани марҳалаҳои пайдоиш ва таҳаввули фразеографияи забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.
- Муайян кардани вижагиҳои ФФ-и пешин (тоинқилобӣ) ва муосир дар мисоли забонҳои қиёсшаванда.
- Нишон додани нақши луғатномаҳои тафсирӣ дар ташаккули фарҳангҳои фразеологии забонҳо.
- Муайян кардани хусусиятҳои умумӣ ва вижагиҳои фарҳангҳои фразеологии забонҳо.
- Дар заминаи маводи илмии фарҳангҳо нишон додани ҷанбаъҳои рушди фразеологияи забонҳо.
- Нишон додани комёбиҳо ва масъалаҳои ҳалталаби фразеографияи забонҳои қиёсшаванда.
- Инъикос кардани системаи шарҳ ва ишораҳо ҳамчун муҳимтарин унсури фарҳангнигорӣ.

• Манзур кардани пешниҳодҳо роҷеъ ба такмили фразеографияи забонҳо.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар сатҳи зарурӣ қарор дорад: аз рӯйи маводи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тавсиявии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Мақолаҳо мазмуни диссертатсияро ифода мекунанд. Ҳамчунин гузоришоти унвонҷӯ дар конференсия ва семинарҳои илмию методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар солҳои 2016-2022 аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод ва мавриди муҳокима қарор ёфтаанд.

**Мақолоте, ки аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нашр расидаанд:**

**а) мақолаҳо дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда:**

**[1-М]** Воҳидова Н.А. Манбаи муҳими таҳқиқи фразеология / Н.А. Воҳидова // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ISSN (2413-2004)– Хуҷанд: Типографияи хурди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2021. - №1 (86). – С. 96-103. – EDN TLSKKY.

**[2-М]** Воҳидова Н.А. Фразеография – омили рушди таҳқиқ ва таълими фразеологияи забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ / ISSN (2663-5534), – Бохтар, 2021. - №1/3 (89). – С. 66-69. – EDN UENFAI.

**[3-М]** Воҳидова Н.А. Аз таърихи ташаккули фразеографияи забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ / ISSN(2219-5408), Душанбе, 2021. - №2 (91). – С. 92-97. – EDN PXSRHK.

**[4-М]** Воҳидова Н.А. Усулҳои шарҳи воҳидҳои фразеологӣ дар фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. Бахши филология. – Душанбе: Матбааи табъу нашр,

баргардон ва тарҷумаи матн, 2021, - №6. – С. 46-52. – EDN MJCUTA.

**[5-М]** Воҳидова Н.А. Оид ба устуворият ва гунанокии фразеологизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Н.А. Воҳидова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ / ISSN(2219-5408), Душанбе, 2022. - №2 (97). – С. 127-133.

**II. Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмӯаҳои илмӣ:**

**[6-М]** Воҳидова Н.А. Типология - омили рушди фразеографияи забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Масъалаҳои мубрами муосири фанҳои гуманитарӣ. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи минтақавии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 80-солагии профессор Абдувалӣ Бердиалиев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. – С. 230-234.

**[7-М]** Воҳидова Н.А. Марҳалаи нав дар таҳқиқ ва омӯзиши ҳамгирои забонҳо / Н.А. Воҳидова // Роҳҳои такмили сифати таълими забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар партави Паёми Пешвои миллат. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ба муносибати 75-солагии зодрӯз, ҳаёт ва фаъолияти илмӣ-педагогии узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Корманди Шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Саидбой Шербоев. – Душанбе, 2019. – С. 96-99.

**[8-М]** Воҳидова Н.А. Фарҳанги фразеологӣ ҳамчун сарчашмаи таҳқиқ ва таълими фразеология / Н.А. Воҳидова // Маводи конференсияи илмӣ – амалӣ таҳти унвони «Хусусиятҳои татбиқи имлои нави забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ» бахшида ба таҷлили 70-солагии Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Каримова Моҳинисо Абдуқаюмовна. – Хуҷанд, 2019. – С. 281- 285.

**[9-М]** Воҳидова Н.А. Фразеографияи забонҳои гуногунсохт ва нақши он дар таълим / Н.А. Воҳидова // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантони ДДХ ба номи акад. Б.

Ғафуров бахшида ба Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.76-82.

**[10-М]** Воҳидова Н.А. Нақши «консепсияи Кунин» дар фразеографияи англис / Н.А. Воҳидова, А.А. Қурбонов // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи забонҳои хориҷӣ. Маҷмӯаи мақолаҳо. - №10 (2020). – Хуҷанд, 2020 – С. 63-68.

**[11-М]** Воҳидова Н.А. Робитаи забонҳо – омили такомули таълими забонҳои миллӣ (Гузориши масъала) / А. Абдуқодиров, Н.А. Воҳидова // Масъалаҳои мубрами филологияи ӯзбек ва тоҷик. Маводи конференсияи байналмилалӣ-онлайнӣ. 26 ноябри соли 2020. Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – С. 779-782.

**[12-М]** Воҳидова Н.А. Нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар таълими забонҳои гуногунсохт / Н.А. Воҳидова // Муаммоҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои олии касбӣ: вазъи кунунӣ ва дурнамо. Маводи конференсияи ҷуҳуриявии илмӣ-амалии онлайнӣ. Хуҷанд, 29 декабри соли 2020. – Хуҷанд, 2021. – С. 110-113.

**[13-М]** Воҳидова Н.А. Омилҳои муҳими таҳқиқ ва таълими забонҳои хориҷӣ / Н.А. Воҳидова // Масоили мубрами забоншиносии типологӣ, германӣ ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ). Факултети забонҳои хориҷӣ. – Хуҷанд, 2021, № 12 (2021). – С. 72-78.

Кори диссертатсионии унвонҷӯ Н.А. Воҳидова дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологии забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) ҷавобгӯи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаллифи он шоистаи дараҷаи номзади илмҳои филология мебошад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и «ДДХ ба номи академик

Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки устодони кафедраи номбурда, кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои хориҷӣ ва кафедраи забони тоҷикӣ қабул шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:** 19 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 19, «зид» – 0, «бетараф» – 0.

Суратҷаласаи № 6-ум аз «17-уми» январи соли 2022.

**Мудири кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», номзади илмҳои филология, дотсент: Азимова С.Р.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1,**
**тел. (+992) 92 768 10 05**
**E-mail: sanoat1979@mail.ru**

**Котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, сармуаллима: Тағоева С.М.**

**«Имзоҳои С.Р.Азимова ва С.М. Тағоеваро тасдиқ мекунам».**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»: Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Б. Мавлонбеков 1.**
**Тел.: (+992) 900420202**
**E-mail: n.ehson@mail.ru**